«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
_______________ Шарифзода Ф.Р.
«___» ________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзӯи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Абуддлозода Ҷамолиддин Абдулло таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Дар марҳилаи кунунӣ таҳқиқ намудани проблемаҳои марбут ба соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, алалхусус яке аз институтҳои он – таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ густариши принсипи адолат ва инсондӯстӣ дар худ мустаҳкам намуда, барои ҳар қадар зиёд истифода гардидани принсипҳои мазкур шароити созгорро

фароҳам меоранд. Новобаста аз он, ки шахси маҳкумшуда ҷинояткор аст, ӯ пеш аз ҳама инсон мебошад ва дар асоси талаботи моддаи 5 Конститутсияи ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ арзиши олӣ дорад. Бинобар ин, аз меъёрҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бармеояд, кишвари мо пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар раванди таҳкими қонуният, бахусус қонунгузории ҷиноятӣ қарор дорад. Дар ин раванд, таваҷҷуҳи бештар бояд ба ҳалли мушкилот ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дода шавад, зеро дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Ба сифати яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо баромад менамояд, ки дар моддаи 67 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Пас, бо ин муҳиммияти хоси худ, институти мазкур бояд мавриди таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ қарор гирад, то ки мушкилиҳои ҷойдоштаи назариявӣ ва қонунгузорӣ бартараф гардида, татбиқи он дар амалияи судӣ дуруст ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзӯи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба институти баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) нахустин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин ошкор намудани паҳлуҳои норавшани дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ мавқеъ пайдо кардани институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мебошад.

Ҳамзамон, рисоланавис қайд менамояд, ки бо мурури замон ва бо пайдо шудани зарурият дар асоси Қонуни ҶШС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 дар ҷумҳуриямон Кодекси нави ҷиноятии ҶШС

Тоҷикистон соли 1961 қабул гардид, ки он аз 1 декабри соли 1961 мавриди амал карор гирифт. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1961 вобаста ба мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо моддаи алоҳида бахшида нашуда, танҳо дар боби 5–уми он ва дар м. 39 дар бораи таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо пешбинӣ гардида, мутобиқи муқаррароти мазкур барои ҳар як ҷинояти ба маҷмуъ дохилшаванда алоҳида таъин намудани ҷазоҳо ва бо роҳи интихоби принсипҳои дарбаргирӣ ва қисман ё пурра зам намудани ҷазоҳо муайян намудани ҷазои ниҳоӣ дарҷ гардид буд (саҳ. 47).

Ҳамчунин, рисоланавис зикр менамояд, ки санаи 21 майи соли 1998 Кодекси ҷиноятии ҶТ қабул гардид, ки бо қабули он ислоҳоти ҷиддии қонунгузории соҳаи ҷиноятӣ ба амал омад. Ин ислоҳот ба яке аз институтҳои муҳими соҳа, сершуморагии ҷиноятҳо низ таъсир расонида, минбаъд он инъикоси бевоситаи худро дар қонунгузорӣ бо роҳи муқаррар кардани намудҳои он ба монанди такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноятҳо ва ретсидиви ҷиноят дар боби 3 (м.м. 19–21) Қисми умумии КҶ ҶТ пайдо намуд. Тағйиротҳои зарурӣ ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо (м.67 КҶ ҶТ) низ бахшида шуданд, ки минбаъд мувофиқи қ.1-и м.67-и КҶ ҶТ дар сурати содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳо суд барои ҳар ҷиноят алоҳида ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) таъин намуда, бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳои таъиншуда ҷазои ниҳоиро муайян менамояд (саҳ. 48).

б) бахши дигари муваффақияти диссертант ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноят дар моддаи алоҳидаи КҶ ҶТ мебошад. Муаллиф иброз медорад, ки мафҳуми сершуморагии ҷиноят заминаҳои назариявӣ ва илмӣ дошта, он дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ мавҷуд намебошад. Пешбинӣ намудани мафҳуми мазкур дар моддаи алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҶТ басо муҳим ва саривақтӣ мебошад. Зеро сершуморагии ҷиноят бевосита доир ба масъалаи бандубаст намудани

кирдорҳои ҷиноятӣ вобастагии зич дорад. Ба ақидаи муаллиф сершуморагии ҷиноятҳо падидаи баҳсталаби соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, доимо диққати махсуси олимони соҳа ва кормандони амалиро ба худ ҷалб менамояд. Мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо дар илм асос ёфта, он дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи вуҷуд надорад.

Қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли бисёре аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба масъалаи сершуморагии ҷиноятҳо боби алоҳида ё моддаи алоҳида пешбинӣ накарда, балки намудҳои онро ба мисли такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят дар КҶ ҶТ муқаррар намудааст. Муҳаққиқи соҳа З.А. Камолов низ ин ҳолатро тасдиқ намуда, баён менамоянд, ки «агарчанде мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надошта бошад ҳам, вале дар баробари ин қонунгузор чунин мафҳумҳоро ба монанди такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят истифода бурдааст, ки намудҳои сершуморагӣ ба ҳисоб мераванд».

Муаллиф бо роҳи омӯзиши қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷ низ муайян намудааст, ки дар баъзе кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо муайян карда шуда, дар дигаре аз онҳо бошад, мафҳуми мазкур танҳо дар номи бобҳо, зербоб ё моддаҳо истифода шуда, ҳамчунин намуд (шаклҳои) сершуморагии ҷиноятҳо нишон дода шудаанд.

Аз ин лиҳоз, муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар КҶ ҶТ мафҳуми сершуморагии ҷиноят бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи 19[1]. Сершуморагии ҷиноят**

1) Аз тарафи шахси (шахсони) гунаҳкор содир намудани ду ва ё зиёда кирдорҳои ҷиноятие, ки ҳар як кадоми он таркиби мустақили ҷиноятро ташкил намуда, аҳамияти ҳуқуқии ҷиноятии худро гум накардааст ва

монеаи ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал баровардани истеҳсолоти мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надорад, сершуморагии ҷиноят эътироф карда мешавад.

2) Намудҳои сершуморагии ҷиноятро такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят ташкил медиҳанд» (саҳ. 26-28).

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин таҳлил ва хулосабарорӣ оид ба муайян намудани мафҳум ва намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо мебошад. Ба андешаи муаллиф маҷмӯи ҷиноятҳо ҳамчун як шакли сершуморагӣ аз омезиши миқдорӣ ва сифатии ҷиноятҳои ягона ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷода барои ҳалли масъала оид ба вуҷуд доштани маҷмӯи ҷиноятҳо ин дар кирдори содиршуда муайян намудани аломатҳои якчанд ҷиноятҳое, ки ҳар яки онҳо таркиби мустақилро ташкил менамоянд, аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми бандубасти маҷмӯи ҷиноятҳо масъалаи фарқгузории он аз ҷиноятҳои таркибӣ дорои аҳамияти муҳим мебошад. Ҳангоми баҳогузории маҷмӯи ҷиноятҳо бояд ба он аҳамият дод, ки яке аз аломатҳои ивазшаванда на ба миқдори ҳаракат (беҳаракатӣ), балки ба миқдори таркибҳои ҷиноятҳои мустақил вобастагӣ дорад. Яке аз аломатҳои муҳими маҷмӯи ҷиноятҳо ин мавҷуд набудани доғи судӣ лоақал барои яке аз кирдорҳои содиршуда мебошад. Шахс дар содир намудани ҷиноят бояд аз лаҳзаи эътибори қонун пайдо намудани ҳукм ба сифати маҳкумшуда эътироф карда шавад, на аз лаҳзаи эълони ҳукми суд.

Ба андешаи муаллиф маҷмӯи ҷиноятҳо аз маҷмӯи реалӣ ва идеалӣ иборат мебошад. Маҷмӯи реалӣ дар баробари дигар ҳолатҳо назар ба маҷмӯи идеалӣ нисбатан баландтар мебошад. Маҷмӯи реалӣ метавонад бо меъёрҳои гуногун бандубаст карда шавад. Он бо дарназардошти мавҷуд будан ва ё набудани алоқаи байни ҷиноятҳои ташкилкунанда нисбатан муҳим мебошад. Мушкилоти махсус ҳангоми бандубаст ҳолатҳое ба шумор мераванд, ки хусусияти робитаи зичи байни кирдорро, ки маҷмӯи реалиро ташкил медиҳанд, аз ҷумлаи, дар сурате, ки яке аз онҳо восита ва тарзи содиршавии дигар ва ё ҳолате, ки якумин

бо имконияти содиршавии дигар маънидод карда мешавад, ё ин ки ҳамаи онҳо бо ягонагии ҷой ва вақти содиршавиашон тавсиф карда мешаванд. Хусисияти ин робита ҳангоми бандубасти кирдор бояд дақиқ муайян карда шавад. Аломати фарққунандаи маҷмӯи реалӣ-гуногунвақтии кирдорҳои ҷинояткоронаи содиршуда (яъне ҷиноятҳо бо ҳаракатҳои гуногун ва (ё) беҳаракатӣ содир мешаванд, масалан шахс дуздиро содир намуда, бо гузашти вақти муайян кушторро содир менамояд). Маҷмӯи идеалӣ бо содир намудани якчанд ҷиноят бо як кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), яъне вуҷуд надоштани аломатӣ гуногунвақтӣ тасвиф меёбад (саҳ. 59-60).

г) Ҳамзамон, муваффақияти дигари муаллиф дар он аст, ки номбурда мафҳуми асосҳои умумии таъини ҷазоро бо назардошти фикри олимони соҳа муайян намуда, ба ақидаи муаллиф асосҳои умумии таъини ҷазо – маҷмӯи қоидаҳои (талаботи) бо қонун пешбинишудае фаҳмида мешаванд, ки суд онҳоро аз рӯйи ҳар як парвандаи ҷиноятӣ дар рафти баровардани ҳукми айбдоркунӣ дастрас намуда, бо ин ба амалбарории принсипҳои институти таъини ҷазо ва интихоб кардани чораи одилонаи таъсирбахш нисбати маҳкумшударо таъмин месозад. Ҳамзамон аз ҷниби муаллиф асосҳои умумии таъини ҷазо бо дарназардошти конунгузории амалкунанда муайян карда шудаанд, ки мутобиқи он чунинанд: – онҳо дорои хусусияти талаботи қонунгузорие, ки ба суд пешниҳод мегардад мебошанд, яъне аломатҳои ҳуқуқӣ дошта, дорои хусусияти меъёрӣ – ҳуқуқӣ мебошанд, зеро онҳо дар қонуни амалкунандаи ҷиноятӣ қайд шудаанд (м. 60–и КҶ ҶТ); – бо ҳуд қоидаҳои муайяни умумиро ифода медиҳанд, ки барои татбиқ кардан аз рӯйи ҳар як парвандаи ҷиноятии мушаххас ҳангоми аз тарафи суд таъин намудани ҷазои ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд;– бо қарори мақсадноки худ дорои бамалбарории принсипҳои институти таъини ҷазо ва нисбати маҳкумшуда муқаррар кардани чораи одилонаи ҳуқуқӣ–ҷиноятии таъсирбахш мебошад.

ғ) Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф, тартиби қоидаи татбиқи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо дастрас намудани маводҳои зарурӣ аз таҷрибаи судӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, муаллиф бар он ақидаи назар аст, ки таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо дар қ.қ. 1–6 м. 67 ва инчунин дар м. 69–и КҶ ҶТ, ба танзим дароварда шудааст. Ҳол он ки қонунгузор дар моддаҳои зикргардида танҳо онро ба инобат гирифтааст, ки чӣ тавр ҷазоро муайян кардан зарур аст. Қоидаҳои дар боло номбаршударо муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Муаллиф иброз менамояд, ки таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо дар ду марҳила ба амал бароварда мешавад. Дар марҳилаи якум ҷазои асосӣ ва иловагӣ аз рӯйи ҳар як ҷинояте, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешавад, алоҳида таъин карда мешавад. Дар марҳилаи дуюм суд ҷазои ниҳоиро барои ҳамаи ҷиноятҳо, бо истифода аз принсипҳои муайяне, ки дар Кодекси ҷиноятӣ қайд шудаанд, муқаррар менамояд. Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои зеринро муқаррар кардааст: бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазо (қ. 2–и м. 67–и КҶ ҶТ) ва пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо (қ.қ. 2, 3–и м. 67–и КҶ ҶТ). Тибқи ҳамин қоидаҳо ҷазое таъин карда мешавад, агар пас аз баровардани ҳукм аз рӯйи парванда муайян гардад, ки маҳкумшуда боз дар дигар ҷиноят, ки то баровардани ҳукм аз рӯйи парвандаи якум содир намудааст, гунаҳкор мебошад. Дар ин ҳолат ба мӯҳлати ниҳоии ҷазо ҷазое, ки аз рӯйи ҳукми якум адо карда шудааст, ҳисобӣ карда мешавад.

Аз рӯйи нуктаи назари муаллиф, татбиқи қоидаҳои махсуси таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо дар доираи муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ бо салоҳияти суд ба амал бароварда мешавад. Аммо ҳамзамон дастрас намудани муқаррарот дар бораи тартиби муқаррар кардани мӯҳлати ҷазо ҳангоми зам намудани онҳо низ зарур мебошад (м. 69–и КҶ ҶТ) (саҳ. 123-124).

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал бо забони давлатӣ оид ба ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти шартан татбиқ накардани ҷазо бо дарназардошти ба инобат гирифтани марҳилаҳои таърихии рушди қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷ.А. дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ муайян карда шавад.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Абдуллозода Ҷ.А. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории ҷиноятӣ, консепсияҳои давлатӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Асосҳои умумии таъини ҷазо» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад:

1. Дар нуктаи якуми пешниҳодҳо, ки барои ҳимоя намудан ироа шудааст, таҳқиқбаранда мафҳуми сершуморагии ҷиноятро манзур намудааст, ки онро дар муҳити илми ватанӣ ҳамчун навгонии илмӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Зеро дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ табиати ҳуқуқии илман асоснокшудаи институти сершуморагии ҷиноят то имрӯз ба мушоҳида намерасид ва муаллиф чунин табиати ҳуқуқии институти баррасишавандаро матраҳ намудааст: сершуморагии ҷиноят, ин аз тарафи шахси (шахсони) гунаҳкор содир намудани ду ва ё зиёда кирдорҳои ҷиноятие, ки ҳар як кадоми он таркиби мустақили ҷиноятро ташкил намуда, аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии худро гум накардааст ва монеаи ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал баровардани истеҳсолоти мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надорад, мебошад. Намудҳои сершуморагии ҷиноятро такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят ташкил медиҳанд. Табиати ҳуқуқии мазкурро метавон ҳангоми омӯзиши институти сершуморагии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни тадриси фанни таълимии асосҳои умумии таъини ҷазо, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва сиёсати ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дод.

2. Таҳқиқбаранда дар нуктаи дуюми пешниҳодҳо, ба ҳимоя масоили муқаррар кардани ҷазои ниҳоӣ нисбати шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, дар шакли зайл манзур кардааст: таклифи алгоритми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо, ин бо худ қоидаҳои марҳила ба марҳила (пай дар пай) таъин кардани ҷазо дар аввал барои ҳар як ҷиноят, ки маҷмӯро ташкил медиҳанд, сипас таъини ҷазои ниҳоиро (ҳангоми он бояд яке аз тарзу услубҳои дар қонун қайдгардида, дар бораи муайян кардани ҷазои ниҳоӣ интихоб карда шавад) фаро мегирад.

Дар марҳилаи ибтидоӣ тибқи талаботи қ. 1–и м. 67–и КҶ ҶТ «ҷазои алоҳида барои ҳар як ҷинояти содиршуда таъин карда мешавад», дар марҳилаи хотимавӣ тибқи талаботи қ.қ. 2 – 6–и м. 67–и КҶ ҶТ «ҷазои ниҳоӣ» муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, дар марҳилаи ибтидоӣ тибки талаботи қ. 3–и м. 60–и КҶ ҶТ ҳолатҳои мазкур бояд қатъиян ба инобат гирифта шаванд: хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳкор, аз он ҷумла ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, инчунин таъсири ҷазои муқарраргардида ба ислоҳшавии маҳкумшуда. Ба инобат гирифтани асосҳои умумии таъини ҷазо вазифаи суд аз рӯйи ҳар як парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

3. Дар нуктаи сеюми пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ, муаллиф бо баинобатгирии пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба миён омадани муносибатҳои нав дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ зарурати бознигарӣ намудани меъёрҳо вобаста ба таъини ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳоро ба миён гузоштааст. Аз ҷумла, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми таъини ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо баҳри раҳо ёфтан аз ду маротиба ба инобат гирифтани ҳамон як ҳолат мавриди таъини ҷазо барои ҳар як ҷиноят, бояд омилҳое, ки танҳо ба он мансубанд ва ҳангоми муқаррар намудани маҷмӯи ҷазо – пайвасти омилҳо ба инобат гирифта шаванд, алалхусус агар онҳо хислати навро, ки дар марҳилаи якум ба инобат гирифта нашудааст ва шаҳодати хавфи баланди тамоми ҷиноятҳои содиргардида мебошад, таъсис додаанд: а) шумораи ҷиноят, б) вобастагии онҳо бо хавфи ҷамъиятӣ, в) вақте, ки байни содир намудани онҳо гузаштааст.

4. Дар нуктаи шашуми пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ, муаллиф чунин қайд менамояд: дар қ.қ. 2 ва 3–и м. 67–и КҶ ҶТ дар ҷойи аввал ибораи **«пурра» зам намудани ҷазоҳо** бар ивази ибораи **«қисман» зам намудани ҷазоҳо** гузошта шавад, чунки дар қ.қ. 2 ва 3–и м. 67–и КҶ ҶТ зарурати номбар кардани онҳо пеш омада, дар онҳо дар ҷойи якум қисман зам кардани ҷазоҳо ҷойгир карда шудааст. Ин мақсади афзалиятноки

ҷазои барои ҷинояти дахлдор таъиншударо (қ. 2–и м. 46–и КҶ ҶТ), ки бо тамоми андозаи охирин муайн карда мешавад, паст карда, ба таври воқеӣ судҳоро маҷбур месозад, ки пурра зам кардани ҷазоҳоро ба ҷойи охир гузоранд. Аз ин лиҳоз, дар қонун иваз кардани ҷойҳои қоидаҳои таъини ҷазои ниҳоӣ бо роҳи зам кардани ҷазоҳое, ки барои ҷиноятҳои ба маҷмуъ дохилшаванда таъин карда шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад.

5. Дар нуктаи ҳафтуми пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ, муаллиф иброз менамояд: дар таҷрибаи судӣ аз ҷониби судяҳо ҳангоми муайян намудани ҷазои ниҳоӣ дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ қ. 4–и м. 67–и КҶ ҶТ татбиқ карда мешавад, ки ҳолати мазкур нодуруст татбиқ намудани меъёри моддӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар муқаррароти қ. 4–и м. 67–и КҶ ҶТ таъин намудани ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани на ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, балки ҷазои қатл пешбинӣ шудааст. Камбудии қонунгузории ҷиноятӣ судяҳоро маҷбур месозад, ки ин муқаррароти моддиро бинобар номукаммал буданаш нодуруст татбиқ намоянд.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки қ. 4–и м. 67–и КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмуъ содиршуда ҷазои қатл таъин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл таъин карда мешавад. Дар сурати барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмуъ содиршуда, таъин гардидани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин мегардад».

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравconfigured, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Дар нуктаи чоруми пешниҳодҳо муаллиф иброз менамояд, ки ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкил намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна қонунгузор дар қ. 2–и м. 67–и КҶ ҶТ таъин намудани ҷазои ниҳоиро бо истифода аз ду принсип, яъне бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва бо роҳи қисман ва ё пурра зам намудани ҷазоҳо муқаррар намуда, аммо дар кадом ҳолатҳо аз ҷониби суд интихоб намудани яке аз принсипҳои мазкурро ба таври дахлдор муайян накарда, онро ба ихтиёри суд вогузор намудааст. Дар қонунгузории ҷиноятӣ муайян намудани ҳолатҳои мазкур аз ҷониби судяҳо ҷиҳати дуруст ва одилона татбиқ намудани ҷазои ниҳоӣ барои шахсе, ки маҷмӯи ҷиноятҳоро содир намудааст, зарур ва манфиатбахш мебошад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки принсипи бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, ки бо қ. 2–и м. 67–и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, барои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳои начандон вазнин ва (ё ин ки) дараҷаи миёна дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда шавад:

– ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда, инчунин ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳои қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршуда;

– ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо, агар суд қоидаҳои бо м. 63–и КҶ ҶТ пешбинишударо нисбати як ё якчанд ҷиноятҳои ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохилшаванда, татбиқ намудааст (саҳ.175).

Мехостем ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия фикри муаллифро оиди татбиқи ин ду принсип, яъне бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва бо роҳи қисман ва ё пурра зам намудани ҷазоҳо нисбати категорияи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин фаҳмем.

2. Дар нуктаи панҷуми пешниҳодҳо таҳқиқбаранда пешниҳод менамояд, ки татбиқ кардани принсипи қисман зам кардани ҷазоҳо, ки дар қ. 3–и м. 67–и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар ҳолатҳои зерин самарабахш мебошад:

– маҷмӯи ҷиноятҳои дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин, агар ҳолатҳои сабуккунанда ҷой доранд ва ҳангоми таъини ҷазо барои ҳамаи

ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешаванд м. 61–и КҶ ҶТ татбиқ карда шавад;

– маҷмӯи ҷиноятҳои миёна, вазнин ва махсусан вазнин, агар ҳангоми таъини ҷазо лоақал барои яке аз ҷиноятҳое, ки ба маҷмуъ дохил мешаванд, м. 63–и КҶ ҶТ татбиқ карда шавад;

– маҷмӯи ҷиноятҳои махсусан вазнин, агар ҳангоми таъини ҷазо барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешаванд м. 61–и КҶ ҶТ ё ин ки агар ҳангоми таъини ҷазо лоақал барои яке аз ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешаванд м. 63–и КҶ ҶТ татбиқ карда шавад ва ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо, ки бо м. 62–и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, вуҷуд надоранд;

– ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо бо ҳамаи категорияҳои ҷиноят, ки аз ҷониби ноболиғон содир карда шудааст;

– ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо бо ҳамаи категорияҳои ҷиноят, ки аз ҷониби шахсони гирифтори бемории руҳӣ бе истиснои номукаллафӣ (қ. 2–и м. 25–и КҶ ҶТ) содир карда шудааст. Ин бо он асос меёбад, ки тибқи қ. 2–и м. 25–и КҶ ҶТ бо худ «номукаллафии маҳдуд» бояд аз ҷониби суд ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазои гунаҳкор ба инобат гирифта шавад.

– дар тамоми ҳолатҳои боқимонда, агар ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки бо м.м. 61, 63–и КҶ ҶТ пешбинишуда вуҷуд надоранд, татбиқ намудани принсипи пурра зам кардани ҷазоҳо, аз он ҷумла ҳангоми ҷой доштани маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо самарабахш мебошад (саҳ. 176).

Андешаи мазкур аз як ҷиҳат, қобили дастгирӣ буда, аз ҷиҳати дигар, вазифадор намудани судҳо, ки нисбати маҳкумшудагон меъёрҳои моддаҳои 61-63 КҶ ҶТ-ро татбиқ намоянд, хилофи принсипи мустақилияти судҳо буда, ба иродаи судя ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки масъалаи мазкурро возеҳтар баён намояд.

3. Дар боби 2 муаллиф масъалаи таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, асосҳо ва ҳолатҳои таъини

ҷазоро вобаста ба масъалаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ (м. 310 КМҶ ҶТ) аз мадди назар дур мондааст.

Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки оид ба асосҳо ва ҳолатҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо роҷеъ ба тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ андешаи худро иброз намояд.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда, ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Абдуллозода Ҷ.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. **Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №7, аз 27 декабри соли 2022.** Дар семинар иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0, «бетараф» - 0.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Сафарзода Ҳаёт Сайдамир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. **Суратҷаласаи кафедра №7, аз 27 декабри соли 2022.**

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия С.С. Нарзуллозода

**Ташхисгар:**
Профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Ҳ.С. Сафарзода

**Котиби ҷаласа:**
Котиби Шӯрои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмхои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия А.А. Абдурашидзода

«Имзои С.С. Нарзуллозода, Ҳ.С. Сафарзода ва А.А. Абдурашидзодаро тасдиқ менамоям:»
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Б.З. Музаффарзода

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-36-13, 226-33-92, 226-28-92; факс: (+992 37) 226-30-19. Веб сайт www.avkd.tj, E-mail: avkdtj.@mail.ru